**«ТАСДИҚ КАРДА ШУД»**

Бо Қарори Раёсати
Иттифоқи адвокатҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10» июни соли 2016, бо
тағйиру иловаҳо аз 24
ноябри соли 2023

# МЕТОДИКАИ ЯГОНАИ
## Тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо

## Муқаддима

Методикаи ягонаи тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, Кодекси одоби касбии адвокатҳо ва Низомномаи маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тайёр карда шудааст.

### 1. Мақсади методикаи ягонаи тайёрӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо

1.1. Методикаи ягонаи мазкур, мақсад, низом, намудҳо ва шаклҳои такмили тахассуси адвокатҳо ва таёрии касбии коромӯз адвокатҳоро муайян намуда, тартиби ягонаи нақшаи таълимиро, муқарар менамояд.

### 2. Мақсади асосии тайёрӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо

2.1. Вобаста ба талаботҳои стандарти умумии ихтисоси адвокатӣ, мақсадҳои асосии, тайёрӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо аз инҳо иборат мебошанд:

– таъмини доимӣ ва бефосилаи такмили дониш ва баланд бардоштани тахасуси адвокатҳо;

– таъмини тайёрии муносиби довталабон, баҳри соҳиб шудан ба мақоми адвокатӣ, ки ба онҳо, барои расонидани ёрии ҳуқуқии баландихтисос, имконият фароҳам меоварад;

– баланд бардоштани донишҳои назариявӣ ва амалӣ,

**3. Принсипҳои тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо**

3.1. Принсипҳои асосии баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо, инҳо мебошанд:

– мунтазамӣ, бефосила ва ҳатман баланд бардоштани дараҷаи ихтисос;

– ҳавасмандгардонии болоравии малакаи касбӣ;

–истифодаи технологияи таълимии ҳозиразамон;

–мувофиқа намудани асосҳои музднок ва бемузд.

**4.Тартиб ва намудҳои тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо**

4.1. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, якҷоя бо Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо, нақшаи ҳарсолаи такмили ихтисоси адвокатҳо ва таёрии касбии коромӯз адвокатҳоро тасдиқ карда, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳоро дар Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо ва ё дар асоси шартнома дар муассисаи таълимии дорои аккредитатсияи давлатидошта, ташкил менамояд.

4.2. Барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии таёрии касбӣ ва такмили дониши худ, адвокатҳо ӯҳдадоранд дар панҷ сол на камтар аз 80 соат ва дар як сол на кам аз 16 соат аз курсҳои такмили ихтисос гузаранд.

4.3. Коромӯз – адвокат барои такмил додани дониши худ ӯҳдадор аст, ки курсҳои омӯзишии ҳатмиро ки аз тарафи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда шудааст, дар Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо гузарад.

4.4. Коромӯз адвокат омӯзиши ҳатмиро, ки аз тарафи Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо, ташкил карда мешавад, дар ҳаҷми на камтар аз 16 соат дар як сол бо нақшаи «ворид шудан ба касб» мегузаранд.

**5. Баҳисобгирӣ ва назорати таёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз - адвокатҳо**

5.1. Баҳисобгирӣ ва назорати таёрии касбӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо ва коромӯз – адвокатҳоро Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо амалӣ менамояд.

5.2. Вақти ба сифати тренер ва омӯзгор дар гузаронидани тренинг иштирок кардан, ба ҳисоби вақти умумии гузаштани такмили ихтисос, ҳисоб карда мешавад.

5.3. Раёсати Иттифоқи адвокатҳо якҷоя бо Маркази такмили ихтисоси адвокатҳои назди Иттифоқи адвокатҳо:

– тайёрии касбии адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳоро назорат менамояд;

– ҳисоби вақти омӯзиши адвокатҳоро ба роҳ монда, ҳамасола натиҷаҳои кории таёрии касбӣ ва такмили тахассусии адвокатҳоро натиҷагирӣ менамояд;

– гузаштани курсҳои такмили ихтисоси ҳар як адвокатро, назорат менамояд;

– ба адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳое, ки курсҳои пурраи такмили ихтисоси адвокатҳоро гузаштаанд шаҳодатнома дар бораи гузаштани курсҳои пурраи такмили ихтисос медиҳад.

**6. Тартиби даъват ва таъмини иштироки адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо дар курсҳои такмили ихтисос ва чорабиниҳои омӯзишӣ**

6.1. Адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо ба курсҳои такмили ихтисос ва чорабиниҳои омӯзишӣ дар асоси рӯйхати аз тарафи Иттифоқи адвкоатҳо ва ё Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо омодакардашуда, бо амри раисони мақомоти минтақавӣ ҷалб карда мешаванд.

6.2. Барои ҷалб намудан ва ё интихоб кардани адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо ҷиҳати иштирок дар курсҳои такмили ихтисос ва чорабиниҳои омӯзишӣ, Иттифоқи адвокатҳо ё Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо метавонанд дар сомонаи Иттифоқи адвокатҳо эълон ҷойгир намояд ва ё озмун баргузор кунад.

6.3. Курсҳои такмили ихтисос ва чорабиниҳои омӯзишӣ дар Маркази такмили ихтиссоси адвокатҳо, бемузд ба амал бароварда мешавад.

6.4. Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо метавонад курсҳои такмили ихтисоси адвокатҳо ва чорабиниҳои омӯзишии музднокро ба роҳ монад.

6.5. Иштирок дар курсҳои такмили ихтисоси адвокатҳо ва чорабиниҳои омӯзишии музднокро адвокатҳо ва коромӯз адвокатҳо мустақилона интихоб мекунанд.

6.6. Тағйиру иловаҳо ба Методикаи ягонаи мазкур, бо қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда мешавад.